Саволномаи қабул ба синфи 1-ум

Варианти I

1. Номи шумо чист? Фамилиятон чӣ?
2. Шумо чандсолаед? Шумо кай таввалуд шудаед?
3. Ба шумо чӣ маъқул аст: расмкашӣ, бозӣ кардан, хондани шеър?
4. Шумо кадом афсонаҳоро медонед? Метавонед, ба ман дар бораи яке аз онҳо нақл кунед!
5. Вақте ки шумо ба боғча рафтед, чандсола будед?
6. Номи волидонатон чист?
7. Дар оилаи шумо чанд нафар зиндагӣ мекунанд? Онҳо кистанд?
8. Дар зимистон ҳаво чӣ хел мешавад?
9. Дарахтон дар кадом фасли сол сабз мешаванд?
10. Анҷомҳо (чизҳо)-и хонаатонро номбар кунед.
11. Вақте ки офтоб ғуруб мекунад, чӣ мешавад?
12. Агар одам об нахӯрад, чӣ мешавад?
13. Нон чӣ гуна тайёр карда мешавад? Он аз куҷо меояд?
14. Шумо саҳар соати чанд аз хоб мехезед?
15. Ба мактаб барои чӣ мераванд, фикри шумо чист?
16. Муаллим кист? Ӯ чӣ кор мекунад?
17. Панҷ ангуштро нишон диҳед. Кадомаш калон ва кадомаш хурд?
18. Оё шумо ҳисоб карда метавонед? То 10 ҳисоб кунед!
19. Агар бозичаи дӯстдоштаатон шиканад, шумо чӣ кор мекардед?
20. Агар дӯсти шумо гиря мекард, шумо чӣ кор мекардед?
21. Шумо ҳар рӯз ба чӣ гуна корҳо машғул мешавед?
22. Шумо кадом рангҳоро медонед? Ранги дӯстдоштаи шумо кадом аст?
23. Тарбиячӣ кист? Вай чӣ кор мекунад?*
24. Шумо кадом ҳайвонҳоро дидаед? Кадомаш ба шумо маъқул аст?
25. Агар ба шумо китоб медоданд, шумо онро чӣ гуна нигоҳ медоштед?

**Бачаҳое, ки дар хона тарбия ёфтаанд, дар бораи дигар касбу корҳо пурсон шудан мумкин аст.*

Саволномаи қабул ба синфи 1-ум

Варианти II

1. Номи шумо чист? Ба ман насабатонро гӯед
2. Шумо чандсолаед?
3. Шумо кадом ҳайвонҳои хонагиро медонед?
4. Шумо кадом паррандаҳои хонагиро медонед?
5. Кадом ҳайвонҳо ё паррандаҳоро дӯст медоред ва чаро?
6. Дар бораи баҳор нақл кунед!
7. Дар тобистон кадом меваҳо, сабзавот ва зироатҳои полезӣ мепазанд?
8. Дар чароғаки раҳнамо (светофор) чанд ранг мавҷуд аст?
9. Пас аз борон тирукамон (рангинкамон)-е, ки мебарояд чанд ранг дорад? Рангҳоро номбар кунед?
10. То рақами 10 шуморед? Акнун ба ақиб ҳисоб кунед.
11. Фарқи байни тарбуз ва харбуза чист?
12. Намудҳои нақлиётро номбар кунед?
13. Кадом нақлиёт (мошинҳо) парвоз мекунанд? Вазифаҳои онҳо чист?
14. Рӯзҳои ҳафтаро номбар кунед!
15. Фарқи байни шабу рӯз чист?
16. Дар бораи оилаатон бигӯед, дар оилаи шумо чанд нафар зиндагӣ мекунанд?
17. Падару модарат дар куҷо кор мекунанд, бигӯ, ки ҷои кори онҳо куҷост?
18. Оё шумо дар корҳои хона ба модаратон кӯмак мекунед? Шумо ба чӣ гуна корҳо ёрӣ медиҳед?
19. Шеъре, ки аз ёд медонед, ба ман бигӯед!
20. Шумо кадом шаклҳоро медонед? Фарқи байни доира, чоркунҷа, секунҷа ва росткунҷаро ба ман бигӯед!
21. Агар дӯстатон гиря кунад, шумо чӣ кор мекунед?
22. Агар шахси ношинос дар кӯча ба шумо тӯҳфа пешниҳод кунад, шумо чӣ кор мекардед?
23. Дар бораи дӯсти беҳтарини худ ба ман нақл кунед.
24. Муҳити зисти ҳайвонотро тавсиф намоед.
25. Шарҳ диҳед, ки чаро калимаҳои зерин лозиманд: қалам, курсӣ, хона, чароғ. Бо қалам чӣ кор карда мешавад? Чаро курсӣ лозим аст?